# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ (ТОҶИКӢ)

**Душанбе – 2023**

Бо қарори Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф № 11/32 , аз 30.11.2023 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:**

**Б.Неъматова -** омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии ДҶТИБКСМ.

**Ҳ. Ҳалимова-** омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ- гуманитарии ДҶТИБКСМ.

**Муқарризон:** Байзоев Азим-номзади илми филология, сармутахассиси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Ҳайдаровб Б. мутахассиси маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муҳаррир: Баҳронова М-** омӯзгори забон ва адабиёти тоҷикӣ кафедраи идоракунӣ ва таълими фанҳои гуманитарии ДТИБКСМ дар ВМКБ

Барномаи таълимии мазкур дар асоси стандартҳои фанни "Забони давлатӣ (тоҷикӣ)" таҳия гардидааст. Он алоқамандии пайвастаи машғулиятҳоро бо барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд.

Дар барнома оид ба навгониҳо, роҳҳои мувофиқи истифодабарии усули фаъоли муосири таълим, технологияи инноватсионӣ, эҷодкории хонандагон дар замони муосир, истифодабарии тестҳо дар ҷараёни таълим ва корҳои инфиродӣ дар таълими салоҳиятнокӣ аҳамияти махсус дода шудааст. Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни "Забони давлатӣ (тоҷикӣ)" тавсия мегардад.

# ПЕШГУФТОР

Таълими фанни забони давлатӣ(тоҷикӣ) воситаи шиносоӣ бо меъёрҳои асосии забонӣ, инкишофи малакаю маҳорати сухандонӣ ва шиносоӣ бо мероси гаронарзиши гузаштагонамон аст. Барномаи мазкури курсҳои такмили ихтисоси муаллимони фанни «Забони давлатӣ (тоҷикӣ)» дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи касбинтихобкунии ҷавонони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2015 № 30/26 ва Низомномаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ мураттаб гардидааст.

Дар таҳияи барнома муносибати бо**салоҳият ба таълим** ба инобат гирифта шуда, бештар **методҳои интерактивӣ** ҳамчун замина интихоб гардидаанд, зеро азхудкунии тарзу усули гуногуни таълим ва муқоисаи онҳо бо усули анъанавӣ ба шунаванда имконият медиҳад, ки барои баланд бардоштани маънавиёти хеш роҳҳои гуногунро интихоб кунад, то тавонад ба ин восита савияи дониши худро мукаммал ва афзун созад. Зимни омӯзиши фанни забони давлатӣ (тоҷикӣ) шунавандагон бо урфу одат, анъана, мероси адабии адибони классикии форсу тоҷик, шоиру нависандагони муосир ва дастовардҳои мардуми тоҷик ошноӣ пайдо менамоянд.

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар ҳаҷми 54 соат (22 соат –назариявӣ, 32 соат – амалӣ),

ҳамчунин бо дарназардошти собиқаи фаъолияти педагогии омӯзгорон (шунавандагон) дар се бахш таҳия шудааст.

**Мақсади асосии барнома** баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) тавассути ошноӣ бо дастовардҳои нави илмӣ, роҳу усули нав ва фаъоли таълим мебошад. Шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дар ҷараёни таълим аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, асноди меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, дастовардҳои нави фанни номбурда ва ғайра маълумот мегиранд. Онҳо дар рафти курс доир ба воситаҳои нави иттилоотӣ огоҳӣ ёфта, роҳҳои истифода намудани онҳоро меомӯзанд.

Дар таҳияи барнома муносибати бо**салоҳият ба таълим** ба инобат гирифта шуда, бештар **методҳои интерактивӣ** ҳамчун замина интихоб гардидаанд, зеро азхудкунии тарзу усули гуногуни таълим ва муқоисаи онҳо бо усули анъанавӣ ба шунаванда имконият медиҳад, ки барои баланд бардоштани маънавиёти хеш роҳҳои гуногунро интихоб кунад, то тавонад ба ин восита савияи дониши худро мукаммал ва афзун созад. Зимни омӯзиши фанни забони давлатӣ (тоҷикӣ) шунавандагон бо урфу одат, анъана, мероси адабии адибони классикии форсу тоҷик, шоиру нависандагони муосир ва дастовардҳои мардуми тоҷик ошноӣ пайдо менамоянд.

Шунавандагон бо вазифа ва мазмуни курс, роҳу усул ва шаклҳои гуногуни ташкили машғулиятҳо, зинаҳои гуногуни омӯзиш, робитаи фанни мазкур бо дигар фанҳо, ҳаёт ва фаъолияти фарзандони фарзонаи миллат, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳлили ҷумлаҳо, тарзи баён, гуфтор, аз ҷумла, мусоҳиба (диалог) ва амсоли инҳо ошно мегарданд.

Дар рӯйхати адабиёти истифодашаванда адабиёти марбут ба мақсаду маром ва масъалаҳои таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дахлдошта тавсия дода мешаванд.

**1.Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд.

**2.Фаъолияти таълим** – аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**3.Вақт** – ченаки эҳтимолие, ки барои ноил шудан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод мегардад.

**Талаботи барнома:**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар анҷоми курс салоҳиятҳои зеринро ташаккул дода метавонанд:

- дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи фанни фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ), китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ – нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ таҳия менамоянд;
- методҳои муосири такмили малакаҳои хонандагонро дар самтҳои бурро хондан, қироат барои дарки маънӣ ва мақсади асосии матн, таҳлили ахбор ва хулосабарориро истифода бурда, дар асоси онҳо саволу супориш тартиб медиҳанд;
- навгониҳои дар соҳаи педагогика ва психология омӯхтаашонро дар амал татбиқ менамоянд;

- методҳои муосири такмили малакаҳои хонандагонро дар хушнависӣ, навиштани диктант, нақли хаттӣ, иншо, эссе, ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ, ҳикоя, очерк, повест, роман, достон ва амсоли инҳо истифода бурда, дар асоси онҳо саволу супоришҳо омода месозанд;
- методҳои муосири такмили малакаю маҳорати хонандагонро дар озодона баён намудани фикр ва ҳангоми гуфтор риоя кардани қоидаҳои забони адабӣ, таҳлилу хулосабарорӣ, тақвият додани фикр тавассути ахбори хондаю шунида, дониши ҳосилшуда ва савол гузоштан истифода мебаранд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими мавзӯъҳои забони давлатӣ (тоҷикӣ), мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълимии ба муносибати салоҳиятнокӣ нигаронидашуда, ба роҳ монда метавонанд;
- ҳангоми интихоби мавзуъҳо, арзишҳои ахлоқӣ, маърифатӣ, завқӣ, эстетикиро ба назар мегиранд;
- арзёбии ҳаёт ва фаъолияти адибони гузаштаву муосири тоҷиконро меомӯзанд;
- ба омӯзиши лаҳзаҳои хаёлангезу андешапарвари асарҳои халқӣ, ки дар воқеияти табиӣ, тасвирҳои хаёлии ҷолиб, нишонаҳои асотирии қадим инъикос ёфтаанд, диққат медиҳанд;
- воситаҳои арзёбии фаъолияти таълимии хонандагонро ҳангоми хондан, навиштан, гуфтан, таҳлил, машқи рукнҳои грамматика истифода мебаранд;
- дар асоси ҳамгироии рукнҳои забономӯзӣ ва адабиётшиносӣ саволу супоришҳои таълимӣ таҳия карда, воситаҳои арзёбии онҳоро муайян мекунанд ва ҳоказо.

Азхудкунии барнома тавассути санҷиши тестӣ ба воситаи компютер арзёбӣ карда мешавад.

**Пас аз хатми курс шунаванда бояд:**

- моҳияти сиёсати давлат дар соҳаи маориф;
- асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;
- истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ);
- моҳият, хусусиятҳо ва усули тадқиқоти илмиро донад.

**Ба салоҳиятҳои зерин бояд ноил гардад:**

- фаъолияти касбии хешро бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ таҳлил карда тавонад;
- аз уҳдаи гузаронидани мониторинги сифати дониши хонандагон барояд;
- фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми кор бо «Технологияи информатсионӣ-коммуникатсионӣ» ба роҳ монда тавонад;
- барномаҳои таълимии иловагии фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб дода, арзёбӣ намояд;
- саволномаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ (рейтинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторинаро мустақилона тартиб дода, омода сохта тавонад;
- маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикии оид ба таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) бударо бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;
- дар асоси донишҳои назариявӣ тадқиқот гузаронида тавонад.

**Малакаи зеринро бояд дошта бошад:**

- технологияи муосири педагогии таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ);
- истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;
- методологияи тарҳи истифодаи ТИК.

# Нақшаи
# таълими курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ)

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назари-явӣ | Амалӣ |
| 1 | Тахассус, методикаи таълими фан | 54 | 22 | 32 |
| 2 | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 3 | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4 | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5 | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6 | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7 | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| Ҳамагӣ | | 72 | 30 | 42 |

# Нақшаи
# тақвимии курси такмили ихтисоси
# омӯзгорони фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ)

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1 | **Тахассус, методикаи таълими фан** | **54** | **22** | **32** |
| 1.1 | Забони адабии ҳозираи тоҷик. Мақоми давлатӣ гирифтани он. | 2 | 1 | 1 |
| 1.2 | Таҳлили мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимии фан. | 4 | 1 | 3 |
| 1.3 | Тафаккури интиқодӣ ва роҳҳои татбиқи он дар раванди дарси забони давлатӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.4 | Тадриси дарсҳои забони давлатӣ бо муносибати босалоҳият ва банақшагирии онҳо. Мақсадгузорӣ дар асоси салоҳиятҳо | 2 | 1 | 1 |
| 1.5 | Хусусиятҳои фарққунанда дар муносибати босалоҳият ба таълим | 2 | 1 | 1 |
| 1.6 | Роҳҳои ташаккули салоҳиятҳоии забонӣ ва иртиботӣ дар раванди дарс. Мафҳуми салоҳиятҳои фаннӣ ва асосӣ дар таълим. | 2 | 1 | 1 |
| 1.7 | Методҳои таълим бо муносибати босалоҳият ба таълим. Арзёбии қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар ҷараёни дарс | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.8 | Роҳҳои гузаронидани корҳои хаттӣ дар дарси забони давлатӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.9 | Мақсад ва вазифаҳои проблемагузорӣ дар дарс доир ба баланд намудани сатҳи дониши хонандагон (2 соат). | 2 | 1 | 1 |
| 1.10 | Таълими омехта ва моҳияти он | 2 | 1 | 1 |
| 1.11 | Истифодаи усули фаъоли таълим (УФТ) дар омӯзиши фан | 2 | 1 | 1 |
| 1.12 | Тарзи омӯзиши бобҳои грамматика | 4 | 1 | 3 |
| 1.13 | Тарзи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти адибони классикии форсу тоҷик | 2 | 1 | 1 |
| 1.14 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 2 | 2 | 1 | 1 |
| 1.15 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 3 | 2 | 1 | 1 |
| 1.16 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 4 | 2 | 1 | 1 |
| 1.17 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 5 | 2 | 1 | 1 |
| 1.18 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 6 | 2 | 1 | 1 |
| 1.19 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 7 | 2 | 1 | 1 |
| 1.20 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 8 | 2 | 1 | 1 |
| 1.21 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 9 | 2 | | 2 |
| 1.22 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 10 | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.23 | Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 11 | 2 | | 2 |
| 1.24 | Хелҳои (тип) дарс, методикаи гузаронидани онҳо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик | 4 | 1 | 3 |
| **2.** | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | | | |
| 2.1 | Роҳҳои татбиқи корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар муассиса | 2 | - | 2 |
| 2.2 | Намудҳои дарс. Воситаҳои аёнӣ ва истифодаи онҳо дар дарс | 2 | 2 | |
| 2.3 | Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ) | 6 | - | 6 |
| 2.4 | Таълими ҳамгиро ва моҳияти он. Роҳҳои истифодабарии таълими ҳамгиро дар ҷараёни дарси забони давлатӣ (тоҷикӣ) | 2 | - | 2 |
| 2.5 | Таълими калима ва таъбирҳо (фразеология) дар дарси забони давлатӣ. | 2 | 1 | 1 |
| 2.6 | Роҳҳои ғанӣ гардонидани таркиби луғавии хонандагон тавассути инкишофи нутқи мураттаб | 2 | | 2 |
| 2.7 | Татбиқи Қонуни ҶҶТ роҷеъ ба риояи меъёрҳои ҳуқуқии забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар МТМУ | 2 | 1 | 1 |
| 2.8 | Тарзҳои гузаронидани таҳлил ва намудҳои он дар дарсҳои «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) | 2 | | 2 |
| **Ҳамагӣ** | | **20** | **4** | **16** |

# ТАХАССУС. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАН (54 СОАТ)

**Мавзуи I.I. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Мақоми давлатӣ гирифтани он (1 соат – назариявӣ).**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забон аз 05.10.2009. Таърихи пайдоиши забони тоҷикӣ. Ташаккул ва инкишофи забони тоҷикӣ дар аҳди Сомониён. Забон – омили асосии рушди миллат. Ҳамчун забони муоширати байни қавмҳо ва халқҳо қарор доштани забони тоҷикӣ. Сабабҳои омӯзиши забони адабии ҳозираи тоҷик. Аҳамияти забондонӣ дар шароити кунунӣ.

Забони адабии ҳозираи тоҷик ва мақоми давлатӣ гирифтани он. Имлои нави забони тоҷикӣ. Алифбо, тартиб ва номи ҳарфҳои забони тоҷикӣ. Имлои садонок ва ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ. Фарқияти алифбои забони тоҷикӣ аз алифбои забонҳои дигар (аз он ҷумла, русӣ ва ӯзбекӣ). Аз сатр ба сатр гузаронидани ҳиҷои калима. Имлои ҳиссаҳои мустақили нутқ – исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл ва зарф.

Имлои ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ – пешоянд, пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидо. Имлои калимаҳои тақлидӣ ва тасвирӣ. Тағйирот дар алифбо, баъди аз байн рафтани ҳарфҳои «ц», «щ», «ь» ва «ы». Меъёри навишти ҳарфи «у» ва «ӯ» (навишти ҳарфи «у» бар ивази ҳарфи «ӯ» пеш аз ҳарфи «ҳ» ва ъ (сакта). Роҳҳои азхудкунӣ ва истифодаи забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла, дар мактабу маориф. Фаҳмонидани фарқи забони тоҷикӣ аз забонҳои дигар. Нозукиҳои омӯзиши ин забон. Рӯзи забони тоҷикӣ (5 октябр).

**Дарси амалӣ 1 соат.** Аҳамияти омӯзиши забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар ташаккули шахсият ва мавқеи иҷтимоии шаҳрвандони ғайритоҷики кишвар. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (аз 4-уми октябри с.2011, №458). Роҳ ва усули омӯзиши забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи I.2. Таҳлили мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимии фан. Таҳлили илмӣ-методии мазмун ва сохтори китобҳои дарсӣ (1 соат).**

Таҳлили мухтасари муҳтавои барномаҳои таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ). Муқоисаи барномаи нави таълимии фанни номбурда бо барномаҳои пешин: афзалият ва норасоиҳои онҳо. Риояи принсипҳои илмиву пайдарҳамӣ ва фаҳмо будани маводи таълим бо риояи талаботи педагогӣ ва психологӣ (равоншиносӣ)-ву методӣ.

Мақсад ва вазифаҳои таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар муассиса тибқи талаботи аснодӣ, ҳуқуқӣ, Стандарти давлатии таҳсилот ва ҷомеа. Муҳокимаи нақшаҳои намунавии таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Таҳияи нақшаҳои тақвимӣ-мавзуӣ ва нақша-конспект мутобиқи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаи таълимӣ. Муайян кардани воситаҳои арзёбӣ: бурро хондан; дарки маънӣ ва мақсади асосии матн; таҳлили ахбор; хушнависӣ; навиштани диктант (имло), нақли хаттӣ, иншо, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва коргузорӣ; озодона баён намудани фикр, ҳангоми гуфтор риоя кардани қоидаҳои забони давлатӣ; таҳлилу хулосабарорӣ ва тақвият додани фикр тавассути ахбори хонда ва шунида; таҳлили маводи фонетика, морфология, синтаксис ва амсоли инҳо тибқи саволу супоришҳои таълимӣ. Ҳангоми шиносоӣ бо ҳаёт ва фаъолияти адибони классикиву муосири тоҷик саъю кӯшиш намудан ба афзоиши савияи донишҳои зарурии хонандагон; зиндагиномаи адибон ва мероси адабии онҳо; ташаккули фаҳмиши илмии хонандагон дар бораи назм ва наср; инкишофи малакаю маҳорати аз ёд кардани порчаҳои назмиву насрӣ, дар хонандагон бедор кардани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ, ахлоқи ҳамида, ҳисси эҳтиром ба падару модарон, устодон ва ашхоси аз худ калонсол ва ҳоказо.

Тарзи таҳлили мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсии фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ). Мазмуну мундариҷа ва сохтори китобҳои дарсӣ. Мувофиқати китобҳои дарсӣ бо барномаи таълимӣ ва Стандарти давлатии таҳсилот. Пайдарҳамӣ ва алоқамандии баёни мавзӯъҳо дар китобҳои дарсӣ. Робитаи дохилифаннӣ ва байнифаннии мавзӯъҳо дар барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ. Баназаргирии синну соли хонандагон ҳангоми интихоби мавзъҳои китобҳои дарсӣ дар синфҳои алоҳида. Ба хонандагон дастрас будани мазмуни маводи китобҳои дарсӣ, таҳлили моҳияти таълимию методӣ, маводи аёнӣ, риояи робитаи дохилифаннӣ ва байнифаннӣ. Мафҳумҳои асосии истифодашуда дар китоби дарсӣ. Методикаи ташаккули мафҳумҳои асосӣ. Ороиши китоби дарсӣ. Таҷрибаҳо, намоишҳо. Мавҷудияти адабиёти (дастурҳои) методии таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ).

**Дарси амалӣ - 3 соат.** Таҳлили ҷабҳаҳои илмӣ-методии барномаҳои таълимии фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) аз ҷониби шунавандагон. Назари шунавандагон ба мазмуну мундариҷа, сохти барномаҳои таълимӣ ва мазмуну мундариҷа ва сохтори китобҳои дарсии «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ). Шарҳу маънидоди қисмҳои зерини барнома: нутқи шифоҳӣ, хониш, муколама, муҳокима, луғат, тартиби калима ва калимасозӣ, грамматика ва ҳ.

Алоқамандии байниҳамдигарии мавзуъҳо, робитаи дохилифаннӣ ва байнифаннии мавзуъҳо дар китобҳои дарсӣ (дар асоси таҷриба ва китобҳои дарсие, ки бевосита аз онҳо истифода менамоянд). Баён намудани мулоҳизаҳо доир ба мазмун, сохтори китобҳои дарсӣ ва таҳлили илмӣ-методӣ намудани онҳо (шифоҳӣ ва хаттӣ).

**Мавзуи I.3. Тафаккури интиқодӣ дар раванди дарси забони давлатӣ.** Маълумот дар бораи мафҳуми интиқод ва тафаккури интиқодӣ. Дар амал татбиқ намудани тафаккури интиқодӣ ва ҳаллу фалс намудани масъалаҳои таълимӣ. Санъати муҳокимаронӣ.Тафаккури интиқодӣ ва озодандешӣ. Пешниҳоди андешаҳои нав ва рад намудани

андешаҳо бо далелҳо.

**Дарси амалӣ.** Таҳлили байтҳои шеърҳои классикӣ ва асоснок намудани андешаҳои шахсии худ.Ба вуҷуд овардани вазъияти интиқодӣ дар раванди дарс.

**Мавзуи I.4. Тадриси дарсҳои забони давлатӣ бо муносибати бо салоҳият ва банақшагирии онҳо. Мақсадгузорӣ дар асоси салоҳиятҳо (1 соат)**. Аҳамияти гузариш ба муносибати нави таълими салоҳиятнокӣ. Сабабҳои ворид намудани тағйирот ба низоми нави таҳсилот. Муносибати босалоҳият ба таълим: моҳият, дастовард ва норасоиҳо. Хусусиятҳои фарққунанда дар таълими салоҳиятнокӣ. Фарқияти низоми ба дониш асосёфта дар таълими салоҳиятнокӣ. Тарзи суратгирии таълим. Таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст дар дарсҳои забони давлатӣ. Минтақаҳои актуалӣ ва наздиктарини инкишоф. Назарияи гуногунии зеҳн. Таксономияи қобилятҳои маърифатӣ ва таълими салоҳиятнокӣ.

Сохтори стандарти фанни “Забони давлатӣ” (тоҷикӣ) ва нақшаҳои тақвимӣ-мавзуии фанни номбурда. Кор бо стандарт, китобҳои дарсӣ ва замимаҳо.Баъзе масъалаҳои ташкили раванди таълим мувофиқи стандартҳои нав. Супориши вазифаи хонагӣ мутобиқи низоми таълими салоҳиятнокӣ.

Мақсадгузорӣ дар таълим яке аз асоситарин фаъолиятҳои иштирокчиёни раванди омӯзиш мебошад. Он бояд дар заминаи проблемаҳое, ки фаъолияти хонандагон барои ҳалли онҳо равона шудааст, таҳия карда шавад, зеро низоми таълими салоҳиятнокӣ дар асоси проблемагузорӣ ҳадафнок мебошад.

**Дарси амалӣ - 1 с.** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба низоми таълими салоҳиятнокӣ ва тарзи банақшагирии

дарсҳо. Маънидод намудани сабабҳои ворид намудани тағйирот ба низоми таҳсилот. Роҳбаладии муаллим дар дарсҳои алифбои ниёгон ва матни классикӣ ҳангоми гузаштан ба низоми таълими салоҳиятнокӣ.

**Мавзуи I.5.Хусусиятҳои фарққунанда дар муносибати босалоҳият ба таълим.** Муносибат ва хусусиятҳои раванди таълим. Хусусияти муносибати омӯзгор- хонанда. Донистан ва дар амал татбиқ кардани хусусиятҳои фарққунанда дар муносибати босалоҳият ба таълим. Ташаккули маърифатии хонандагон дар муносибати босалоҳият ба таълим. Баланд бардоштани масъулиятнокӣ ва маърифатнокии хонандагон. Унсурҳо ва навъҳои фарққунандаи муносибати босалоҳият ба таълим

**Дарси амалӣ.**Шиносоӣ бо унсур ва хусусиятҳои муносибати босалоҳият ба таълим. Донистан ва дар таҷриба дуруст истифода бурдани унсурҳои фарқунандаи муносибати босалоҳият ба таълим.

**Мавзуи I.6**. **Роҳҳои ташаккули салоҳиятҳоии забонӣ ва иртиботӣ дар раванди дарс. Мафҳуми салоҳиятҳои фаннӣ ва асосӣ дар таълим.** Салоҳиятҳо дар таълим. Марҳилаҳои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва натиҷаҳои таълим. Салоҳиятҳои иртиботӣ (комуникативӣ) ва ташаккули қобилияти корбурди забон дар муошират. Муносибати мушаххас ба таълими салоҳиятнокӣ.

**Дарси амалӣ - 1 с.** Шунаванедагон фарқияти салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботиро аз худ намуда, аз таҷриба намунаҳо меоранд. Таҳияи дарсҳо ва ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ.

**Мавзуи I.7. Методҳои таълим тибқи муносибати босалоҳият ба таълим. Арзёбии қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар ҷараёни дарс. (1 соат)**.

Маълумоти умумӣ дар бораи технология ва методҳои умумии таълим дар низоми таълими

салоҳиятнокӣ. Технологияи таълими хонандамеҳвар дар дарси забони давлатӣ. Таълими лоиҳавӣ дар дарсҳо. Технологияи таълими интерактивӣ. Роҳу усули машғулиятҳои дунафарӣ ва гурӯҳӣ дар дарсҳои забони давлатӣ. Тарзи гузаронидани лаҳзаҳои дамгирӣ дар дарсҳои номбурда. Истифодаи методҳои таълими фанни "Забони давлатӣ" (тоҷикӣ) дар муносибати босалоҳият.

Маълумот дар бораи арзёбӣ. Мақсадҳои арзёбӣ. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим. Усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда. Усул ва воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ. Арзёбии салоҳиятнокии фанни "Забони давлатӣ" (тоҷикӣ).

**Дарси амалӣ - 1 с.** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба методҳои таълим ва арзёбии салоҳияҳои хонандагон. Роҳу усули ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ таълим додани методҳои ҳозиразамон. Шарҳу маънидод намудани усули гуногун ва истифодаи дурусти онҳо дар дарс. Мақсад ва вазифаҳои арзёбӣ дар таълими фанни "Забони давлатӣ" (тоҷикӣ). Андешаҳо роҷеъ ба арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ (аз таҷриба).

**Мавзуи I.8.Роҳҳои таълими корҳои хаттӣ дар дарси забони давлатӣ.** Иншо. Диктант. Хелҳои диктант. Намудҳои диктант. Нақли хаттӣ. Эссе – иншои хурд. Баёни таассурот ва андешаҳои шахсӣ, ғоя ё сухан (гуфтор)-и адибону олимон, шахсиятҳои намоёни сиёсӣ ва дигарон дар эссе. Мақсади навиштани эссе. Сохтори он – андешаҳои муаллиф, тезис ва далелҳо (воқеаҳо, падидаҳои ҳаётӣ) ва хулоса.

**Дарси амалӣ (3 соат).** Шиносоӣ бо корҳои хаттӣ.Муҳокимаи баҳогузории корҳои хаттӣ аз таҷриба. Тартиб додани нақшаи нақли хаттӣ дар мавзуъҳои интихобӣ. Навиштани эссе дар мавзуъҳои "Дасти одамизод гул аст", "Забон ҳастии миллат", "Тоҷикистон ватани

Наврӯз аст”, “Модар олиҳаи бузурги ҳусн”, “Оилаи солим - ҷомеаи солим”, “Ҳунар беҳу ҳунар беҳу ҳунар беҳ” , “Роғун иншооти бузурги аср”, “Пойдории миллати тоҷик аз ваҳдат аст ”ва ғайра.

**Мавзуи I.9. Мақсад ва вазифаҳои проблемагузорӣ дар дарс доир ба баланд намудани сатҳи дониши хонандагон (2 соат)**.

Мафҳуми проблема, таърих ва фалсафаи омӯзиши проблемавӣ. Сарчашмаҳои таърихӣ дар бобати омӯзиши проблемавӣ. (Мисолҳо аз саргузашти собиқ сафири Юнони Қадим – Исмений ва хомӯшии Буддо ҳангоми ибодат ва шогирдонро дар ҳолати ногувор гузоштани ӯ). Гузориши проблема – инкишофдиҳандаи тафаккури фикрӣ, шавқи дарккунӣ ва эҷодкории мустақилонаи шунавандагон. Вазъияти проблемавӣ ва намудҳои он. Ба амал овардани вазъияти проблемавӣ дар дарс. Дараҷаҳои проблеманокӣ. Проблемаҳои илмӣ ва таълимӣ.

Мундариҷаи таълим ва гузориши проблема: 1) гузаронидани таҳлили мантиқӣ–дидактикии маводи таълимӣ; 2) муайян кардани имконияти гузориши проблема; 3) интихоби маводи иловагӣ барои сохтани вазъиятҳои проблемавӣ, амсоли аз таърихи илм ва техника; 4) таҳия кардани системаи проблемаҳо аз рӯйи саволҳои асосии мавзӯъ ва фасл. Ғояи асосии омӯзиши проблемавӣ: а) ҳамкории фаъоли хонанда бо мундариҷаи проблемаи гузошташуда; б) азхудкунии усул ва методҳои ҳалли проблема; в) ба даст овардани дониш дар ҷараёни тақлидӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ; г) мақсади ниҳоӣ – омӯзонидани шунавандагон барои дида тавонистани проблема ва ҳалли он. Методҳои омӯзиши проблемавӣ: а) методи таҳқиқотӣ; б) методи эврестикӣ; в) методҳои ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ. Моҳияти методҳои номбурда.

Ҳангоми ҷамъбаст, ба хулосаи тахминии зерин омадан: 1. Инсон қобилияти нотакрори пайдо кардан,

гузоштан ва ҳал кардани проблемаро дорад. 2. Фикррони̅ аз вазъияти проблемави̅ оғоз меёбад. 3. Принсипи проблеманоки̅ ҷараёни таълимро ба ҷараёнҳои маърифат ва фикррони̅и эҷоди̅ наздик месозад. Тавассути проблемагузори̅ ҳал намудани мавзуъ ва ҳарчи зудтар азхуд намудани муҳтавои дарс (китоб ва дастурҳои илмиву методи̅ ва бадеи̅).

Мулоҳизаҳои педагоги̅ ва хулосабарори̅ (ба қайд гирифтани фикру ақидаҳои шунавандагон баъди саволи «Шумо чиро омӯхтед?») Баён намудани фикру ақидаҳо роҷеъ ба мақсад ва вазифаҳои проблемагузори̅ дар дарс (аз таҷриба).

**Мавзуи 1.10.Таълими омехта ва моҳияти он.** Маълумот доир ба мафҳуми таълими омехта. Таълими омехта асоси рушди малакаҳо. Бартариҳои истифодаи таълими омехта дар раванди дарс. Истифодаи таълими омехта асоси рушди истифодабарии интернет ё худ усулҳои истифодаи технологияи навини таълим.

**Дарси амали̅.** Шиносоии омӯзгорон бо мафҳуми таълими омехта ва баён намудани андешаҳо аз таҷриба. Таҳияи дарси яксоата бо истифода аз интернет Кор карда тавонистан бо барномаҳои “Zoom” ва “Google meet”.

**Мавзуи I.11. Истифодаи усули фаъоли таълим (УФТ) дар омӯзиши фан (1 соат).** Усули фаъол (ҳамфаъол) ва зуҳуроти он дар таълим. Муқоисаи усули фаъоли таълим ва усули анъанави̅. Муайян кардани бартари̅ ва камбудиҳои усули фаъол ва анъанави̅. Мавқеи аёниятҳо дар муносибати фаъоли омӯзгор ва хонанда. Аҳамияти истифодаи усули фаъоли таълим дар дарсҳои забони давлати̅ (тоҷики̅). Кор бо усули «Кластер», ҷадвали «Инсерт», «Диаграммаи Венн», диаграммаи «Чи̅ тавр?», диаграммаи «Барои чи̅?», усули «Т-нақша» ва ҳоказо. Истифодаи бозиҳои шавқовар, муаммоҳо, чистонҳо ва зарбулмасалҳо. Кор бо матнҳои китоби дарси̅, ҳамчун шакли ҳавасмандкуни̅ ба омӯзиши

фанни забони давлатӣ (тоҷикӣ). Мақсади асосии истифодаи усули фаъоли таълим:

- гирифтани дониши саҳеҳ ва мукаммал;
- беҳтар гардидани сифати дарс;
- мустақилона ифода намудани фикру ақида;
- мулоҳизаронии боандешона ва ҳоказо.

«Ҳуҷуми фикрӣ» – яке аз намудҳои усули фаъоли таълим. Аҳамияти усули фаъоли таълим дар донишандӯзии хонандагон.

**Дарси амалӣ - 3 соат.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба истифодаи усули фаъоли таълим дар дарсҳои забони давлатӣ (тоҷикӣ). Шарҳу маънидод намудани истифодаи аёниятҳо ва маводи аёниву дидактикӣ ва худсохт дар дарсҳои забони давлатӣ (тоҷикӣ). Саҳми ҳар як шунаванда дар доир намудани дарсҳо бо усули фаъол. Ёдовар шудан аз бартарӣ ва камбудиҳои усули номбурда дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумии маҳал.

Пешниҳоди шунавандагон доир ба роҳҳои дониши васеъ ва саҳеҳ гирифтани хонандагон тавассути усули фаъоли таълим (аз таҷриба).

**Мавзуи I.12 Тарзи омӯзиши бобҳои грамматика (1 соат).**

Маълумот дар бораи фонетика, морфология (сарф) ва синтаксис (наҳв). Фаҳмонидани мафҳумҳои овоз, ҳарф, ҳиҷо ва зада. Тарзи талаффуз ва имлои садонокҳои забони тоҷикӣ. Садонокҳои дароз ва кӯтоҳ. Тарзи талаффуз ва имлои ҳамсадоҳо. Ҳамсадоҳои ҷарангнок ва беҷаранг. Фарқи садонокҳо аз ҳамсадоҳо. Роҳҳои омӯзиши онҳо. Омӯзонидани талаффуз ва имлои ҳарфҳои хоси забони тоҷикӣ. Шарҳу маънидод кардани 10 ҳиссаи нутқи забони тоҷикӣ (6 ҳиссаи мустақил ва 4 ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ). Тавассути аёниятҳо ва усули фаъол омӯзонидани роҳҳои калимасозӣ ва сермаъногии калимаҳо. Калимаҳои зидмаъно. Муродифҳои калима. Ҳамгунаҳо. Маълумот дар

бораи ибора. Фарқи ибора аз ҷумла. Маълумот дар бораи сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла. Фаҳмонидани фарқи ҷумлаҳои сода, мураккаб ва дар навбати худ, фарқи ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз тобеъ.

Роҳу усули гузаронидани бозиҳои нақшӣ. Тарзи истифодаи бозиҳои шавқовар дар дарс. Истифодаи муаммоҳо, кроссвордҳо, чайнвордҳо, сканвордҳо, филвордҳо, чистонҳо, зарбулмасалҳо ва ғ. Кор бо матнҳо. Кор аз рӯйи расм, манзара ва шарҳу маънидоди онҳо. Натиҷагирии корҳои хаттии хонандагон. Фаъолгардонии хонандагон дар дарс.

**Дарси амалӣ - 3 соат.** Шарҳу маънидод намудани бобҳои грамматика. Роҳҳои ба хонандагон фаҳмонидани бобҳои фонетика, морфология ва синтаксис. Номбар кардани ҳиссаҳои мустақил ва ёридиҳандаи нутқи забони тоҷикӣ. Фарқи онҳо аз ҳиссаҳои мустақил ва ёридиҳандаи нутқи дигар забонҳо, минҷумла забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ. Фаҳмонидани мафҳумҳои калима, ибора, ҷумла ва фарқияти онҳо. Бо мисолҳо шарҳ додани сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла (аз таҷриба).

### Мавзуи I.I2. Тарзи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти адибони классикии форсу тоҷик (1 соат амалӣ).

Яке аз қадимтарин ва шевотарин забонҳои ҷаҳон ба ҳисоб рафтани забони тоҷикӣ. Диққати бисёр адибон ва олимони ҷаҳонро ба худ ҷалб намудани забони номбурда. Шуҳрати ҷаҳонии намояндагони барҷастаи ин забон: Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Анварӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Зебуннисо, Бедили Деҳлавӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва дигарон. Рукни муҳими таълими адабиёт ба ҳисоб рафтани зиндагиномаи адибон.

Шинос намудани хонандагон бо таърихи адабиёти классикиву муосири форсу тоҷик. Мероси бою ғании адабии шоиру нависандагони барҷастаи гузаштаву муосир. Таҷассуми оғози маърифати ҷаҳон дар осори шифоҳии мардум (фолклор). Нақши васоити ахбор, телевизион, видеомагнитофон ва компютер дар таъсир ба рӯҳия ва тарбияи шахсию ҷаҳонбинии одамон. Дар китобҳои дарсии «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) интихоб гардидани ҳаёту фаъолияти як зумра адибони классикӣ ва муосири форсу тоҷик – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Садриддин Айнӣ дар синфи V, Абулқосими Фирдавсӣ, Абулқосим Лоҳутӣ дар синфи VI, Носири Хусрав, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ дар синфи VII, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар Келдӣ дар синфи VIII, Низомиддин Убайди Зоконӣ, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ дар синфи IX, Абуалӣ ибни Сино, Низомии Ганҷавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мирзо Турсунзода дар синфи X ва Абдураҳмони Ҷомӣ, Бедили Деҳлавӣ, Аҳмади Дониш ва Лоиқ Шералӣ дар синфи XI. Нақши забони давлатӣ дар баланд бардоштани худшиносии шаҳрвандӣ.

**Дарсми амалӣ- 1 соат** Вазифаи асосии омӯзгори фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) ҳангоми гузаштани ҳаёт ва фаъолияти адибони классикиву муосири форсу тоҷик. Шарҳи мероси адабии онҳо дар дарсҳои хониши адабӣ ва таърихи адабиёт. Роҳу усули ифоданок қироат намудани осори боқимондаи адибони номбурда. Шарҳу маънидоди ашъори ин адибон (аз таҷриба).

**Мавзуи I.13. Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 2 (1 соат).**

Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар ин синф. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Салом мактаб!», «Мо толиби сулҳем!», «Шиносоӣ», «Шиносоӣ бо асбобҳои хониш», «Рӯзи муаллим», «Алифбои забони тоҷикӣ», «Садонокҳои забони тоҷикӣ», «Ҳамсадоҳои забони

тоҷикӣ», «Фарқи ашё ва рангҳои онҳо», «Оилаи мо», «Хонаи мо», «Китобхонаи мактаб», “Мактаб –махзани илму дониш” «Исм», «Ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ», “Дар боғи ҳайвонот”, «Бандакҳои хабарии «аст» ва феълии «ҳаст», «Иди Наврӯз»,”Баҳори хуррам омад”, “ 8 март-Иди модарон” «Ибора», «Пайвандаки ва (-у, -ю)», «Феъл», «Ҷонишинҳои шахсӣ», «Ҷонишинҳои ишоратӣ», «Шиносоӣ бо либосҳо», «Шумораи миқдорӣ», «Бозиҳои шавқовар» ва ҳоказо.

Шарҳу маънидод кардани баъзеи ин бобҳо. Чунончи, ҳангоми гузаштани бобҳои «Садонокҳои забони тоҷикӣ» ва «Ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ» бояд дар бораи дастгоҳи гуфтор ва вазифаҳои он, овоз ва ҳарф, овозҳои садонок ва ҳамсадо, умумият ва фарқияти онҳо, ҳамсадоҳои ҷарангнок ва беҷаранг, ҳарфҳои ётбарсар ва имлои онҳо маълумот дод. Ҳангоми қироати ашъори адибон, аз қабили «Мактаб»-и Г. Сулаймонова, «Сулҳи пойдор»-и А. Шарифӣ, «Панҷаҳо»-и А. Сафар, «Панди китоб»-и А. Furthermore Бобоҷон, «Тоҷикистон»-и Ш. Ёдгорӣ, «Духтарчаи ман»-и Ҳ. Қурбонова, «Хонаи мо - тӯй»-и О. Аминова, “Дарвозаи баҳор”-и Ҷ. Ҳошимӣ ва тезгӯякҳо. бояд ба ифоданокӣ ва равону дилчасп хондани калимаву ибораҳо диққат дода, барои азхуд намудани луғатҳои онҳо кӯшиш кард. Ба тарзи баён ва пурсиши мавзуъҳо аҳамият дода, дар дарсҳо истифода намудани усули интерактивӣ айни муддаост. Роҳу усули иҷрои савол ва супоришҳо, тарзи ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии дониши гирифта ва тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ ба маҳорату малакаи омӯзгор вобаста буда, ҳарчи бештар азхуд намудани мавзуъҳои номбурдаи фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) хонандагони ғайритоҷикро бо адабиёти бою рангини мардуми тоҷик ошно месозад. Дар китоб инчунин мақолу зарбулмасалҳо, чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тезгӯякҳо, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. оварда шудаанд. Ҳангоми гузаштани онҳо омӯзгорон бояд аз усули фаъоли таълим

истифода бурда, барои пурмазмунӣ ва шавқоварии дарсҳо саъю кӯшиш намоянд.

**Дарси амалӣ - 1 соат.** Фикру андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи марбута доир ба «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 2» (аз таҷриба). Шарҳ ва қироати ашъори адибони классикиву муосири форсу тоҷик. Истифода бурдани муколама дар мавзуи “ Барф аз куҷо меояд” ?

**Мавзуи I.I4. Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 3 (2 соат- амалӣ).**

Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар ин синф. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Фонетика», «Ҳиҷо», «Одоби хонандагон», «Идҳои миллӣ», «Аз як сатр ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калима», афсонаи «Лаклак ва рӯбоҳ», «Исмҳои шахс ва ғайришахс», «Ҷамъбандии исмҳо», «Суффикси **-ча**», «Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ», «Дараҷаи қиёсии сифат», «Ҷонишини шахсӣ», «Бандакҷонишинҳо», «Ҷонишинҳои соҳибӣ», «Ҷонишинҳои саволӣ», «Ҷонишинҳои ишоратӣ», «Феъл», «Ҷойи феъл дар ҷумла», «Асосҳои феъл», «Пешояндҳои **ба, дар, бо, бе, барои**», «Пасоянди **-ро**» ва ҳоказо. Роҳу усул ва шарҳу тавзеҳи мавзуъҳои номбурда. Шинос намудани хонандагон бо муҳтавои мавзуъҳо. Роҳҳои аз худ намудани мавзуъҳои «9-уми сентябр – Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Тарҷума кардани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳо ҳангоми иҷрои машқҳо.

Ифоданок қироат намудани шеърҳои «Баҳория»-и М. Турсунзода, «Таҳсили нави шумо муборак!»-и А. Деҳотӣ, «Тоҷикистонам»-и Б. Раҳимзода, «Парчами Тоҷикистон»-и Х. Ҷумъазода, «Мерос»-и А. Сафар, «Туҳфаи бобо»-и А. Бобоҷон ва ғ. ва шарҳу маънидод намудани маънои онҳо. Навиштани луғатҳои шеърҳо. Ифоданок хондани матнҳои «Бояд худам ҳамроҳи хат

равам», «Одоби салом», «Мактаб ва синфи мо», «Ҷашни омӯзгорон», «Ҷӯраи ман», «Меҳмонӣ», «Дар осорхона», «Фил», «Душанбе – пойтахти Тоҷикистон», «Миннатдорӣ», «Ангури сурхтеппа», «Мақоми занони ниёгон» ва ҳ. Иҷрои супориши матнҳо. Роҳу усули истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. Тарзи баён ва пурсиши дарсҳо бо усули фаъоли таълим. Роҳҳои баёни мавзуъҳои нав ва ҷамъбасту мустаҳкамкунии онҳо. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзӯъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 3» (аз таҷриба). Шарҳу маънидод намудани порчаҳои насрӣ ва ашъори адибони классикиву муосири форсу тоҷик, ки дар синфи номбурда омӯхта мешаванд. Навиштани тақриз ба китоби дарсии «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) барои синфҳои 3.

**Мавзуи I5. Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 4 (1 соат).** Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи IV. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Сулҳ – шакарханди лаби кӯдакон», «Ибора ва ҷумла», «Ҷашни муаллимон», «Задаи мантиқӣ», «Ҳамсадои **т, д** ва **ҳ**», «Имлои ҳамсадоҳои шадда», «Омоним», «Синоним», «Антоним», «Исм ва калимасозии он», «Суффиксҳои сифатсози **-нок, -манд, -она, -гона**», «Номуайянӣ дар исм», «Дараҷаҳои сифат», «Ифодаи бисёрӣ ва камӣ дар сифат», «Суффиксҳои сифатсози **-ӣ (-гӣ, -вӣ), -ин (-гин)**», «Суффиксҳои сифатсози **-она, -гона, -нок**», «Ҷонишинҳои таъинӣ», «Шумораҳои тартибӣ», «Феъл. Асосҳои феъл», «Шахс ва шумора дар феъл», «Феъли таркибии номӣ» ва ҳоказо.

Роҳу усул ва шарҳу тавзеҳи мавзуъҳои номбурда. Шинос намудани хонандагон бо муҳтавои мавзӯъҳо. Роҳҳои

аз худ намудани мавзуъҳои «Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рӯзи дониш», «Рӯзи Истиқлолият». Тарҷума кардани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳо, ҳангоми иҷрои машқҳо.

Ифоданок қироат намудани шеърҳои «Модар»-и Эраҷ Мирзо, «Тирамоҳи зарнисор»-и З. Атоӣ, «Муш ва мусича»-и Н. Назирӣ, «Устоди ман»-и Т. Пӯлодӣ, «Шаҳри азиз»-и Г. Сулаймонова, «Шаҳри ман»-и А.Шукӯҳӣ, «Зоопарк»-и А. Шарифӣ ва ғ. ва шарҳу маънидод намудани маънои онҳо. Навиштани луғатҳои шеърҳо. Ифоданок хондани матнҳои «Музди меҳнат», «Пойтахти Ватани мо», «Вилояти Суғд», «Бозори «Шоҳмансур», «Мева ва сабзавот», «Фабрикаи чӯҷабарорӣ», «Мактаби нависандагӣ», «Тиллои сафед», «Ифтихори кӯҳканҳо», «Канали Ҳисор», «Иди Сада», «Зимистон», «Деҳаи мо» ва ҳ. Иҷрои супориши матнҳо. Роҳу усули истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. Тарзи баён ва пурсиши дарсҳо бо усули фаъоли таълим. Роҳҳои баёни мавзуъҳои нав ва ҷамъбасту мустаҳкамкунии онҳо. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

**Дарси амалӣ - 1 соат.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзӯъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 4» (Аз таҷриба). Шарҳу маънидод намудани порчаҳои насрӣ ва ашъори адибони классикиву муосири форсу тоҷик, ки дар синфи номбурда омӯхта мешаванд.

### Мавзуи I.16 Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 5 (1 соат-назариявӣ).

Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи V. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Калимасозӣ бо суффикси **-и** ва префикси **ҳам-**», «Сифатҳои мураккаб», «Ба ҷойи исм истифода шудани сифат», «Ҷонишини нафсӣ-таъкидии **худ**», «Феъл ва замонҳои он», «Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Асос ва бандак», «Бандаки изофӣ», «Бандакҷонишинҳо», «Бандакҳои феълӣ», «Бандакҳои хабарӣ», «Сифати феълӣ», «Суффиксҳо», «Маълумот дар бораи зарф», «Зарфи тарзи амал», «Суҳбат: Забон донӣ – ҷаҳон донӣ», «Дараҷаи қиёсӣ дар зарфҳо», «Кор бо матн. Муколама», «Пешояндҳои номии таркибӣ», «Тартиби калимаҳо дар ҷумла», «Воситаҳои алоқа дар ибора ва ҷумлаҳо» ва ҳоказо. Роҳу усул ва шарҳу тавзеҳи мавзуъҳои номбурда. Шинос намудани хонандагон бо муҳтавои мавзуъҳо. Роҳҳои аз худ намудани мавзуъҳои «Тоҷикистон Ватани мост!», «Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон». Тарҷума кардани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳо, ҳангоми иҷрои машқҳо. Ифоданок қироат намудани «Панду ҳикматҳо»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, шеърҳои «Ҷон Тоҷикистон»-и М. Миршакар, «Мурғаки шилшилапо»-и А. Деҳотӣ, «Муаллим»-и Н. Розиқ, «Хӯшаи гандум»-и У. Раҷаб, «Лола ба хола»-и А. Ҳамдӣ, «Дар гирди арча»-и А. Баҳорӣ ва ғ.

Шарҳу маънидод намудани маънои онҳо. Навиштани луғатҳои шеърҳо. Ифоданок хондани матнҳои «Мурғи зирак», «Ватан», «Ҳунарманд», «Қадри нон», «Рӯзи муаллимон», «Рӯбоҳ ва чӯбфурӯш», «Луқмони Ҳаким», «Ҳикояти Султони Яман», «Салом аз Амрико», «Қиссаи об», «Махзани маърифат», «Мӯрча ва каргас», «Дегчаи ғалатӣ» ва ҳ. Иҷрои супориши матнҳо. Роҳу усули истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. Тарзи баён ва пурсиши дарсҳо бо усули фаъоли таълим. Роҳҳои баёни мавзуъҳои нав ва ҷамъбасту мустаҳкамкунии онҳо. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

**Дарси амалӣ - 1 соат.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 5»

(аз таҷриба). Шарҳу маънидод намудани порчаҳои насрӣ ва ашъори адибони классикиву муосири форсу тоҷик, ки дар синфи номбурда омӯхта мешаванд.

**Мавзуи I.I7. Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 6 (1 соат).** Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи VI. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Сохти исм», «Калимасозӣ ва имло», «Имлои калимаҳои мураккаб», «Сифат хел ва сохти он», “ Дараҷаҳои сифат” , “ Феъл ва асосҳои он” «Замонҳои феъл», “Ҷонишин ва хелҳои он” “Зарфҳо аз ҷиҳати хел ва сохт”, «Дараҷаи қиёсии зарф», “Пешванд ва пасвандҳои зарфсоз”, “Шумора ва хелҳои он”. «Пешояндҳои таркибӣ», «Нақл аз рӯйи расм», «Вазифаҳои пайвандаки **ки**», «Мавқеи пайвандакҳои тобеъкунандаи **то, то ки, то ин ки, агар, ба шарте ки, агарчи**», «Такрори боби морфология (сарф)», «Воситаҳои алоқа дар ибора ва ҷумла», «Ҷумлаи мураккаби тобеъ», «Ҷумлаи пайрави сабаб ва мақсад», «Фонетика, морфология ва синтаксис. Такрори мавзуъҳои гузашта», «Кор бо матнҳо» ва ҳоказо. Муколама ва мулоҳизаҳо.

Роҳу усул ва шарҳу тавзеҳи мавзуъҳои номбурда. Шинос намудани хонандагон бо муҳтавои мавзуъҳо. Роҳҳои аз худ намудани мавзуъҳои «Душанбе – пойтахти Тоҷикистон»,«Аввалин қаҳрамонони Тоҷикистон», «Ватанам – Тоҷикистон», «Каждум ва сангпушт», “Оилаи мо”, “Тирамоҳ”, “Аспи вафодор” “Бахти хонадон”, “Қадри нон”.

Тарҷума кардани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳо, ҳангоми иҷрои машқҳо. Ифоданок қироат намудани шеърҳо аз китоби мазкур ва шарҳу маънидод намудани маънои онҳо.

Навиштани луғатҳои шеърҳо. Ифоданок хондани матнҳои «Мактаби куҳна», «Хирс», «Нидои виҷдон», «Мағозаи нав», «Китобдӯстдорӣ», «Одоби сухан гуфтан», «Хонгул», «Гулшаҳр», «Заргулдор», «Модар», «Дӯстрӯякони модар», «Сиёҳак», «Каюмарс», «Рустами

Дастон» ва ҳ. Иҷрои супориши матнҳо. Роҳу усули истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. Тарзи баён ва пурсиши дарсҳо бо усули фаъоли таълим. Роҳҳои баёни мавзуъҳои нав ва ҷамъбасту мустаҳкамкунии онҳо. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

Дарси амалӣ - 1 соат. Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 6» (аз таҷриба). Кор бо матнҳои "Оилаи мо", «Табиати деҳаи мо», "Деваштиҷ" «Кор бо луғатҳо». Саволномаи тестӣ.

**Мавзуи I.18. Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 7 (1 соат).** Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи VII. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Исмҳои мураккаби пайваст ва тобеъ», «Исмҳои бисёрҷузъа (сертаркиба)», Кор бо матн. "Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ". Қироати шеърҳо. Кор бо луғат. Муколама.дар мавзуи "Падару модар". «Сифатҳои мураккаб ва сохти онҳо», Роҳҳои сохта шудани сифатҳои мураккаб. Матнро ифоданок хондан "Деваштич". Муколама. Аз бар кадани луғатҳо. «Панду ҳикматҳо», «Маълумот дар бораи масдар ва сохти онҳо», иҷрои машқҳо. «Сифати феълӣ ва феъли ҳол», «Сохти зарф», «Зарфҳои мураккаб ва таркибӣ», Қироати шеърҳо ва ифоданок хондани матнҳо. Муколама дар мавзуи "Сада". «Фарқи сифат аз зарф», «Нақли хаттӣ аз рӯйи расм», «Пешояндҳои номии таркибӣ», «Пайвандакҳои тобеъкунандаи-**агар, агарчи, бо вуҷуди он ки, гарчанде ки**», «Такрори боби морфология», «Такрори сохти ҷумлаҳои мураккаб. Ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав», «Ҷумлаи пайрави шарт», «Ҷумлаи пайрави хилоф», «Мутолиа ва хондани порчаҳои назмию насрӣ», «Одоби меҳмондорӣ», «Иди Рамазон», «Такрори бобҳои морфология ва синтаксис», «Мувофиқати хабар бо

мубтадо» ва ҳоказо. Роҳу усул ва шарҳу тавзеҳи мавзуъҳои номбурда.

Шинос намудани хонандагон бо муҳтавои мавзуъҳо. Роҳҳои аз худ намудани мавзуъҳои «Забони тоҷикӣ», «Забон донӣ ҷаҳон донӣ», «Тоҷикистон ватанам», «Муаллим ва шогирд», «Ватан», «Артиши миллӣ». Тарҷума кардани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳо, ҳангоми иҷрои машқҳо. Ифоданок қироат намудани шеърҳои «Тоҷикистон»-и А. Сафар, «Ватани мо»-и А. Лоҳутӣ, «Муаллим»-и Б. Раҳимзода, «Ид муборак!»-и М. Фарҳат, «Идат муборак, ҷон диёр!»-и Н. Бақозода, «Мукофот» ва «Қаҳрамон»-и С. Маҳкамов, «Суруди Ватан»-и К. Насрулло, «Ман писари дилова»-и Н. Бақозода, «Тӯй шавад»-и С. Айюбӣ ва ғ. Шарҳу маънидод намудани маънои онҳо.

Навиштани луғатҳои шеърҳо. Ифоданок хондани матнҳои «Зоғи доно», «Заводи алюминий (арзиз)», «Деваштич», «Искандаркӯл», «Осорхонаҳо», «Панду ҳикматҳо», «Хубӣ», «Одоби нон хӯрдан», «Ҳафтаи забони тоҷикӣ», «Қиссаи хазинадор», «Сада», «Аҷоиботи табиат», «Ҳашар», «Давлати соҳибихтиёр», «Ноҳияи Дарвоз», «Қоз ва турна», «Гулнора» ва ҳ. Иҷрои супориши матнҳо. Роҳу усули истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. Тарзи баён ва пурсиши дарсҳо бо усули фаъоли таълим. Роҳҳои баёни мавзуъҳои нав ва ҷамъбасту мустаҳкамкунии онҳо. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

**Дарси амалӣ** - 1 **соат.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 7» (аз таҷриба). Шарҳу маънидод намудани порчаҳои насрӣ ва ашъори адибони классикиву муосири форсу тоҷик, ки дар синфи номбурда омӯхта мешаванд. «Кор бо луғатҳо». Саволномаи тестӣ.

**Мавзуи I.19. Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 8 (1 соат).** Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи VIII. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Феълҳои бевосита ва бавосита», «Феъли монда», «Феъли гузаранда», «Шакли нақлии феъл», «Сохти феъл», «Кор бо матн оид ба феъли таркибӣ», «Замонҳои феъл. Замони гузашта», «Феъли замони ҳозира», «Замони ояндаи феъл», «Сиғаҳои феъл. Сиғаи хабарӣ», «Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ. Сиғаи амрӣ», «Такрори боби феъл», «Коргузорӣ», «Имлои пайвандакҳои тобеъкунандаи **дар ҳолате ки, бе он ки**», «Имлои пайвандакҳои **ба андозае ки, ҳамон (ҳамин қадар), ба тавре ки**», «Ҳиссачаҳои забони тоҷикӣ», «Нидо ва имлои он», «Ҷумлаҳои сода ва мураккаб», «Сарҷумла ва ҷумлаи пайрав», «Ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар нутқ», «Ҷумлаи бешахс», «Ҷумлаи умумишахс», «Ҷумлаи мураккаби бепайвандак» ва ҳоказо. Роҳу усул ва шарҳу тавзеҳи мавзуъҳои номбурда. Шинос намудани хонандагон бо муҳтавои мавзуъҳо. Роҳҳои аз худ намудани мавзуъҳои «Парчами Тоҷикистон», «Нишони Тоҷикистон», «22-юми сентябр – Рӯзи Рӯдакӣ», «Ватан – модар», «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»,” Тарҷума кардани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳо, ҳангоми иҷрои машқҳо.

Ифоданок қироат намудани шеърҳои «Суруди Ватан»-и К. Насрулло, «Тоҷикистон»-и А. Деҳотӣ, “Бӯйи ҷӯйи мӯлиён”-и А.Рӯдакӣ, «Дарёи Варзоб»-и А. Шукӯҳӣ, «Бозгашт»-и М. Турсунзода, «Ворисони оли Сомонем мо»-и С. Сабзаев, «Замин»-и М. Қаноат, «Мо зодаи биҳиштем»-и С. Аюбӣ, «Ҳашар»-и Б. Ҳоҷӣ, «Аё модар» ва «Ватан»-и Л.Шералӣ ва ғ. Шарҳу маънидод намудани маънои онҳо. Навиштани луғатҳои шеърҳо. Ифоданок хондани матнҳои «Монандӣ», «Сабзӣ», «Сафари Мозандарон», «Расму оинҳои халқӣ», «Одоби сухан», «Ватан – модар», «Шиносоӣ бо дарёчаҳои Қаратоғ ва Ширкент», «Роҳи нави кӯли

Сарез», «Гург ва бузғола», «Кохи илму маърифат», «Таҷрибаомӯзӣ», «Афсонаи хурӯси зирак», «Иди Меҳргон», «Обу ободонӣ», «Ҳосилғундорӣ» ва ҳ. Иҷрои супориши матнҳо.

Роҳу усули истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. Тарзи баён ва пурсиши дарсҳо бо усули фаъоли таълим. Роҳҳои баёни мавзуъҳои нав ва ҷамъбасту мустаҳкамкунии онҳо. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

**Дарси амалӣ - 1 с.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 8» (аз таҷриба). Шарҳу маънидод намудани порчаҳои насрӣ ва ашъори адибони классикиву муосири форсу тоҷик, ки дар синфи номбурда омӯхта мешаванд. Навиштани тақриз ба китоби дарсии «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) барои синфи 8. Кор бо луғатҳо. Саволномаи тестӣ.

**Мавзуи 1.20. Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 9 (1 соат).** Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи IX. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Такрори ибора ва ҷумла, фарқи ибора аз ҷумла», «Муродифҳо», «Иди омӯзгорон», «Калимаҳои зидмаъно», «Коргузорӣ. Тарзи навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ», «Калимаҳои иқтибосӣ ва имлои онҳо», «Калимаҳои ҳамреша», «Маълумот дар бораи забони адабӣ ва гуфтугӯйӣ», «Исми шахс ва ғайришахс», «Нақл аз рӯйи расм», «Нақли хаттӣ оид ба фаслҳои сол», «Такрори боби феъл. Сохти феъл», «Шахс ва шумора дар феъл», «Замонҳои феъл», «Тасрифи феъл», «Кор бо матн. Муколама», «Маълумот дар бораи масдар», «Рӯзи фаромӯшнашаванда», «Ҷумлаи мураккаб», «Хелҳои ҷумлаи мураккаб», «Кор аз рӯйи расм», «Такрори пайвандакҳо ва мавқеи онҳо дар ҷумла», «Пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда», «Ҷумлаи бешахс», «Ҷумлаи умумишахс» ва ҳоказо. Роҳу

усул ва шарҳу тавзеҳи мавзуъҳои номбурда. Шинос намудани хонандагон бо муҳтавои мавзуъҳо. Роҳҳои аз худ намудани мавзуъҳои “Шукри Истиқлол”, “Мусича”, “Иди меҳргон”, “Анҷир”, «Ҳикмати Фирдавсӣ», «Аҷоиботи деҳаи мо», «Таърих», «Об ҳаст – ободӣ ҳаст», «Пайкараи ваҳдат», “Тирамоҳ”, «Сифати одамӣ». Тарҷума кардани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳо, ҳангоми иҷрои машқҳо.

Ифоданок қироат намудани шеърҳои «Бомдоди баҳорон»-и С. Айнӣ, «Модарам»-и М. Турсунзода, «Китоб»-и Р. Ғамзатов, «Муаллим»-и К. Насрулло, «Падар»-и Ш. Ёдгорӣ, «Ватанам»-и М.Миршакар, «Қуллаи Мирзо Турсунзода»-и Л.Шералӣ, «Тоҷикистон»-и Б.Ҳоҷӣ, «Кишвари ҷонпарварам»-и М. Ҳайдаршо, «Шаҳринав»-и С. Бобоев ва ғ. Шарҳу маънидод намудани маънои онҳо. Навиштани луғатҳои шеърҳо. Ифоданок хондани матнҳои «Сангтӯда», «Хислати хуби инсон», «Шарифҷонмахдум ва ҳамсуҳбатони ӯ», «Мусича», «Иди Меҳргон», «Анҷир», «Ватани офтобпараст куҷост?», «Пахта», «Аҷоиботи деҳаи мо», «Тирамоҳ», «Устод», «Зиндагии харгӯш», «Меваҳои Тоҷикистон», «Шафқати мор», «Ифтихори кӯҳканҳо», «Меҳри китоб» ва ҳ. Иҷрои супориши матнҳо. Роҳу усули истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. Тарзи баён ва пурсиши дарсҳо бо усули фаъоли таълим. Роҳҳои баёни мавзуъҳои нав ва ҷамъбасту мустаҳкамкунии онҳо. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

**Дарси амали- 1 соат) .** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 9» (аз таҷриба). Шарҳу маънидод намудани порчаҳои насрӣ ва ашъори адибони классикиву муосири форсу тоҷик, ки дар синфи номбурда омӯхта мешаванд. Навиштани тақриз ба китоби дарсии «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) барои синфи 9. Кор бо луғатҳо. Саволномаи тестӣ.

**Мавзуи I.21. Методикаи омӯзиши фанни забони давлатӣ дар синфи 10 (1 соат).** Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи X. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Морфология ва синтаксис», «Тартиб додани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ», «Такрори порчаҳои назм ва наср», «Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ», «Исм. Таркиби морфологии исм», «Калимасозии исм», «Сифат ва хелҳои он», «Калимасозӣ дар сифат», «Шумора», «Сохти шумора. Хелҳои шумора», «Кори амалӣ. Ҳуҷҷатнигорӣ», «Феъл ва асосҳои он», «Тасрифи феъл», «Замонҳои феъл», «Сохти феълҳо», «Ибора, Хелҳои ибора», «Сохти ибора, Алоқаи калимаҳо дар ибора», «Ҷумла», «Хелҳои ҷумлаи сода», «Ҷумлаи мураккаб», «Сараъзои ҷумла. Мубтадо», «Хабар», «Мувофиқати хабар бо мубтадо», «Хелҳои хабар. Хабари феълӣ. Хабари номӣ», «Мусоҳиба ва моҳияти он» ва ҳоказо. Роҳу усул ва шарҳу тавзеҳи мавзуъҳои номбурда. Шинос намудани хонандагон бо муҳтавои мавзуъҳо.

Роҳҳои аз худ намудани мавзуъҳои “Тоҷикистон ҷони ман, ҷаҳони ман аст”, “Ҳунарҳои мардумӣ”, “Қаҳрамонони Тоҷикистон”, «Пайдоиши кӯли Сарез», «Истиқлолияти давлатӣ-дастовардҳои беназир», «Қасри миллат», «Неругоҳи барқи обии Норак». Тарҷума кардани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳо, ҳангоми иҷрои машқҳо. Ифоданок қироат намудани шеърҳои “Забони модарӣ”-и М.Қаноат, “Тоҷикистон”-и Б.Собир, “Эй қалам”-Ҳ.Юсуфӣ, “Чист истиқлолият”-и Д.Сафар, “Кулол” – А.Кулолӣ, «Тоҷикистон»-и Ҳ.Файзуллоҳ, “Баҳор”-и А.Қодирӣ, «Тирукамон» ва «Рӯди кӯҳӣ»-и М.Турсунзода, «Душанбе»-и Б.Раҳимзода, «Ватанам» «Тоҷикистон нури чашмони ман аст»-и Б.Ҳоҷӣ ва шарҳу маънидод намудани маънои онҳо. Навиштани луғатҳои шеърҳо. Ифоданок хондани матнҳои «Ҳозирҷавоб бошед!», «Душанбе – маркази илму ҳунар», «Деҳаи мо», «Гӯсфанди зоти ҳисорӣ», «Меҳмоннавозии тоҷикон», «Дарёи Вахш», «Ҳурзоди далер», «Бозори шаҳри Конибодом», «Дар боғи Мичурин», «Истироҳатгоҳҳои Тоҷикистон», «Табари тиллоӣ»,

«Сангпуштҳо», «Воқеа», «Об – сарчашмаи ҳаёт», «Себи пайвандӣ», «Шоҳнома» – ганҷинаи сухан», «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ» ва ҳ. Иҷрои супориши матнҳо. Роҳу усули истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. Тарзи баён ва пурсиши дарсҳо бо усули фаъоли таълим. Роҳҳои баёни мавзуъҳои нав ва ҷамъбасту мустаҳкамкунии онҳо. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ. Навиштани иншо дар мавзуи "Тоҷикистони офтобрӯя-макони меҳваҳои хушлаззат"

**Дарси амалӣ - 1 соат.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 10» (аз таҷриба). Шарҳу маънидод намудани порчаҳои насрӣ ва ашъори адибони классикиву муосири форсу тоҷик, ки дар синфи номбурда омӯхта мешаванд. Кор бо луғатҳо. Саволномаи тестӣ.

**Мавзуи I. 22. Методикаи омӯзиши фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 11 (1 соат).** Тарзи таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи XI. Роҳҳои омӯзиши бобҳои «Ибора ва ҷумла», «Қироати порчаҳои назм», «Ҷонишин», «Имлои ҷонишин», «Зарф чист?», «Хелҳои зарф», «Ҳуҷҷатнигорӣ», «Нақл аз рӯйи расм», «Маълумот дар бораи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ», «Пешояндҳои забони тоҷикӣ», «Пасояндҳои забони тоҷикӣ», «Пайвандакҳо», «Такрори пайвандакҳо», «Ҳиссачаҳо», «Сохти ҳиссачаҳо», «Имлои ҳиссачаҳо ва ҷойи онҳо дар ҷумла», «Маълумот дар бораи нидо», «Аъзоҳои пайрави ҷумла. Муайянкунанда», «Пуркунанда», «Хелҳои пуркунанда», «Пуркунандаи бевосита», «Маълумот дар бораи ҳол», «Хелҳои ҳол», «Ҳоли замон», «Ҳоли макон», «Ҳоли миқдору дараҷа» ва ҳоказо. Роҳу усул ва шарҳу тавзеҳи мавзуъҳои номбурда. Шинос намудани

хонандагон бо муҳтавои мавзуъҳо. Роҳҳои аз худ намудани мавзуъҳои «Ватан – Модар», «Сулҳу амният ва дӯстии халқҳо», «Роҳи абрешим ва атласи Хуҷанд», «Гузаштагонро ёд кунем», «Ҳурмати падару модар». Тарҷума кардани чанде аз калимаву ибора ва ҷумлаҳо, ҳангоми иҷрои машқҳо.

Ифоданок қироат намудани шеърҳои «Насиҳат»-и Носири Хусрав, «Насиҳати падар»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Суруди сулҳ», «Ватан», «Уқоб» ва «Зан агар оташ намешуд…»-и М. Турсунзода, «Суруди булбул»-и Р. Ғамзатов, «Муҳаббати модар»-и Эраҷ Мирзо, «Захми забон»-и С. Аюбӣ, «Баҳори бехазон»-и А. Деҳотӣ, «Обаки шӯх» ва «Ба ҳаводорони забони тоҷикӣ»-и М. Қаноат, «Забонгумкарда» ва «Насиҳати модар»-и Л. Шералӣ ва ғ. Шарҳу маънидод намудани маънои онҳо. Навиштани луғатҳои шеърҳо. Ифоданок хондани матнҳои «Ҷанг бо хирс», «Лаклак», «Деҳаи мо», «Хоҷаобигарм», «Баҳмут», «Ҷашни миллӣ», «Ҷашни гулҳо», «Некӣ», «Ганҷ – дар киса», «Фурӯзонаке, ки ҳаргиз насӯхтааст», «Ватан», «Шодии модар», «Сухани сеҳрнок», «Забон ва аҳамияти он», «Шоҳроҳи асри XXI» ва ҳ.

Иҷрои супориши матнҳо. Роҳу усули истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ. Тарзи баён ва пурсиши дарсҳо бо усули фаъоли таълим. Роҳҳои баёни мавзуъҳои нав ва ҷамъбасту мустаҳкамкунии онҳо. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

**Дарси амалӣ - 1 соат.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар синфи 11» (аз таҷриба). Шарҳу маънидод намудани порчаҳои насрӣ ва ашъори адибони классикиву муосири форсу тоҷик, ки дар синфи номбурда омӯхта мешаванд. Навиштани тақриз ба китоби дарсии «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) барои синфи 11.

**Мавзуи I. 23. Хелҳои (тип) дарс, методикаи гузаронидани онҳо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик.** Дарс шакли муҳимтарини таълиму тарбия, намудҳои дарс. Дарс бозӣ, Дарс сайёҳат. Дарс-семинар. Дарс-конфронс. Дарсҳои такрор. Дарси мустаҳкамкунии дониш. Дарс-викторина. Дарс-суҳбат ва ғайраҳо. Муқоисаи дарсҳои анъанавӣ ва муосири таълим.

**Дарси амалӣ**.Тарзи фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда дар ҷараёни таълим ва дарёфти дониш, ба даст овардани малака ва маҳорат ва ташаккули ҷаҳоншиносӣ. Маҷмуи фаъолияти асосноки мантиқӣ, шарҳу тафсири матнҳо (аз таҷриба), амалиёт барои азхудкунии амалӣ ва назарии матлаб ба таркиби равиш. Кор бо луғатҳо. Саволномаи тестӣ.

## Мавзуъҳои иловагӣ (алтернативӣ)

**Мавзуи 2. I. Роҳҳои тадбиқи корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ (2 соат амалӣ)**. Вазифа ва мазмунии корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ. Фаъолгардонии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ. Баланд бардоштани маърифат ва савияи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумии ҷумҳурӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ. Накш ва мазмуни корҳои бсруназсинфӣ ва беруназмактабӣ.

Шаклҳои корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ: хониши беруназсинфии адабиёти таълимӣ, ташаккули дониш тавассути ҷамъ намудани маълумотҳо оид ба кишвари азиз – Тоҷикистони офтобрӯя, шаҳру ноҳияҳо, маҳалли ҷойи зист, мардумони меҳнатдӯсту меҳмоннавоз, рӯзномаи деворӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои бачагона, дастнавису албомҳо, конференсияҳо ва шабнишиниҳо, вохӯриҳо бо адибону олимони шинохтаи ҷумҳурӣ ва муаллифони китобҳои дарсӣ, викторинаю

бозиҳо, саёҳатҳои тасаввуротӣ, озмунҳои фаннӣ, олимпиадаҳо ва корҳои фоиданоки ҷамъиятии дохилимактабӣ ва берунаэмактабӣ. Роҳу усул ва тарзҳои ба корҳои берунаэсинфӣ ва берунаэмактабӣ майлу рағбат пайдо намудани хонандагон.

Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон роҷеъ ба мавзуи «Методикаи ташкили корҳои берунаэсинфӣ ва берунаэмактабӣ дар таълими фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ)». Роҳу усули доир намудани корҳои берунаэсинфӣ ва берунаэмактабӣ. Саҳм ва нақши омӯзгорон дар доир кардани корҳои берунаэсинфӣ ва берунаэмактабӣ. Роҳҳои боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ мондани корҳои берунаэсинфӣ ва берунаэмактабӣ дар шароити кунунӣ (аз таҷриба).

**Мавзуи 2.2. Намудҳои дарс. Воситаҳои аёнӣ ва истифодаи онҳо дар дарсҳо (2 соат назариявӣ).** Намудҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии дарс. Дарс – шакли асосии машғулиятҳои таълимии фан дар муассиса. Ҷузъҳои дарс ва мазмуни онҳо. Сохтори дарс. Тарзҳои гуногуни омӯзонидани мавзуи нав. Дарси ташаккули маҳорат ва малакаҳои амалӣ. Дарси кори амалӣ. Дарси омехта. Дарс - суҳбат. Дарси такрор ва ҷамъбасти дониш. Дарси назорат ва баҳисобгирии дониш. Кинодарс. Дарс - саёҳат. Дарс - бозӣ. Дарс - конференсия ва ғ. Истифодаи усули фаъоли таълим дар дарс. Истифодаи таълими проблемавӣ, таълими барномавӣ, бозиҳо дар дарс. Тавсияҳои методӣ оид ба дарсҳои назариявӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ). Тавсияҳо оид ба санҷиши дониши хонандагон аз фанни таълимӣ. Тавсияҳои методӣ оид ба ҷамъбаст намудани дарс.

Воситаҳои аёнӣ ва моҳияти онҳо. Омода намудани воситаҳои аёнӣ ба дарсҳо. Тасвирҳои аёнӣ ва методикаи кор бо онҳо: тасвирҳои расмӣ, суратӣ, макетӣ, воситаҳои экранӣ. Мавқеи кинои таълимӣ, нақши воситаҳои техникии таълим ва телевизион дар таълим ва тарбияи хонандагон. Намоиши матнҳои ҷолиб. Мушоҳида ва натиҷагирии он.

Графика ва навишти мантҳои ҷолиб дар тахтаи синф ҳамчун воситаи баландбардории савияи дониши хонандагон.

Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуъҳои «Намудҳои дарс» ва «Воситаҳои аёнӣ ва истифодаи онҳо дар дарсҳои забони давлатӣ». Шарҳу маънидод кардани намудҳои дарс. Фаҳмонидани моҳияти истифодаи воситаҳои аёнӣ дар дарсҳо. Нақл намудан дар бораи номгӯйи воситаҳои аёние, ки айни ҳол дар кабинет маҳфузанд (аз таҷриба).

**Мавзуи 2.3. Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ) ( 6 соат)**

Ташкил ва гузаронидани суҳбати пеш аз дарс. Баланд бардоштани маҳорати касбииии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумии ҷумҳурӣ тавассути корҳои амалӣ дар МТМУ-и ҷумҳурӣ. Иштирок кардан ба дарсҳои намунавии омӯзгорони таҷрибаи коридошта. Аз худ намудани ҷиҳатҳои мусбати дарс барои рушди фаъолияти минбаъда. Дидани ороиши синфхона ва тарзи ҳуҷҷатнигорӣ дар кабинети таълимӣ. Шиносоӣ бо тарзи ҷо ба ҷогузории асбобҳои айёнӣ ва воситаҳои техникӣ дар мактаб. Амалӣ шудани мавзӯъҳо дар рафти дарс тибқи нақша ва барномаи таълимӣ .

Шунидани фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон баъди иштирок ба дарс доир ба мушоҳидаи дарс. Таклиф ва пешниҳодҳо. Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ.

**Мавзуи 2.4. Таълими ҳамгиро ва моҳияти он. Роҳҳои истифодабарии таълими ҳамгиро дар ҷараёни дарси забони давлатӣ (2 соат амалӣ).**

Таълими ҳамгиро ва зуҳуроти он дар таълим. Мафҳуми интегратсия (ҳамгиро) ва моҳияти он дар таълим. Аҳамияти таълими ҳамгиро ва самарабахшии он дар ташаккули зеҳни маърифатии хонандагон. Муқоисаи

таълими ҳамгиро ва фардикунонии таълим. Муайян кардани бартарӣ дар таълими ҳамгиро. Мавқеи аёниятҳо дар муносибати фаъоли омӯзгор ва хонанда дар ҷараёни таълим. Аҳамияти истифодаи усули фаъоли таълим дар раванди таълими ҳамгиро. Нақши таълими ҳамгиро дар баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон ба дарс, такомули тафаккури мантиқии хонандагон, бедор намудани шавқу рағбати онҳо дар ҳалли масъалаҳо ва баёни озодонаи фикр ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ.

Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуъ. Иҷрои супориши матнҳо. Истифодаи панду насиҳатҳо, шеъру ҳикояҳо, мақолу зарбулмасалҳо, тезгӯяку чистонҳо, бозиҳои шавқовар, тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи расмҳо, саволу ҷавобҳо (муколамаҳо, мусоҳибаҳо), нақл аз рӯйи расмҳо, саволҳои тестӣ ва ғ.

**Мавзуи 2.5. Тарзи таълими калима ва таъбирҳо (фразеология) дар дарси забони давлатӣ (1 соат).**

Маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои аслан тоҷикӣ, иқтибосӣ, калимаҳои шевагӣ ва соҳавӣ–касбӣ. Таърихи баромади баъзе калимаҳо. Маълумот дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва фарқи он аз калимаю таркибу ибораҳо. Маънои луғавии калимаҳои умумиистеъмолӣ ва таъбирҳоро шарҳ додан. Дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ҷудо карда тавонистан. Аҳамияти истифодаи калима ва таъбирҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон. Манбаъҳои пайдоиши таъбирҳо дар забони давлатӣ (тоҷикӣ). Муродифоти воҳидҳои фразеологӣ. Истифодаи бамавриди калимаҳои иқтибосӣ ва таъбирҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ. Донистани тарзу усули таълими калима ва ибораҳо.

**Дарси амалӣ (1 соат)**.Таҳлили матнҳо ҷиҳати таъйин намудани калима ва воҳидҳои фразеологӣ.Истифодаи дурусти онҳо дар нутқ. Калима ва ибораҳои фразеологиро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ фарқ ва ҷудо карда тавонанд.

Дар матн шуурона иваз карда тавонистани калимаҳои аслӣ ва маҷозиву таъбирҳо. Истифода бурдани луғати имло ва фарҳанги махсуси фразеологӣ дар навиштаҷот. Истифодаи луғате, ки дар он воҳидҳои фразеологӣ гирд оварда шудаанд.

**Мавзуи 2.6 Роҳҳои ғанӣ гардонидани фонди луғавии хонандагон тавассути инкишофи нутқи мураттаб (2 соат амалӣ).**

Ташаккул додани маҳорат ва малакаи нутқи хонандагон ба воситаи иҷрои машқҳо-матнҳо, нақлу иншоҳои гуногуни таълимӣ. Афзудани фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми ҳал намудани машқҳо ва иҷрои корҳои амалӣ.Ташкил ва гузаронидани хониши ифоданок барои фарқ кардани овозҳо дар нутқ, талаффузи саҳеҳу буррои онҳо, фарқ кардани ҳиҷо, задаи мантиқӣ, муайян кардани ҳудуди ҷумлаҳо ва хусусиятҳои дигари онҳо. Ташкил ва гузаронидани шаклҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ.

Гузориши масъалаҳо роҷеъ ба тафаккури фикрӣ ва мантиқии шогирдон. Намунаи супоришҳо доир ба инкишоф додани савияи фикрӣ-зеҳнӣ ва мантиқии хонандагон. Ташаккули тафаккури шогирдон ҳангоми омӯзиши асосҳои фан. Роҳу усули тайёр намудани хонандагони хоҳишманди фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) ба озмуну олимпиадаҳо, конкурсҳои фаннӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо. Ташкили дарсҳои санҷишӣ. Санҷиши дониши шогирдон тавассути тест. Таҳлили натиҷаҳои санҷиши дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагон. Савол ҳамчун аслиҳа барои бедор намудани маърифатнокии хонандагон. Намуди саволҳое, ки психологҳо (равоншиносон) пешкаш намудаанд: саволҳои оддӣ, саволҳои аниқкунанда, саволҳои шарҳу эзоҳталаб, саволҳои баҳодиҳанда, саволҳои эҷодӣ ва саволҳои амалӣ.

Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба роҳҳои ташаккули тафаккури фикрӣ ва мантиқӣ ва роҳу усули баҳодиҳӣ ба сатҳи дониш, минҷумла, санҷиши шифоҳӣ ва санҷиши хаттии хонандагон. Саҳми омӯзгорони фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) дар инкишоф ва сайқал додани қобилияти фикрии шогирдон. Тарзҳои муайян намудани мазмун ва мундариҷаи дониши назариявии хонандагон (аз таҷриба).

**Мавзуи 2.7.Татбиқи Қонуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи меъёрҳои ҳуқуқии забони давлатӣ (тоҷикӣ) (1 соат)**

Пуштибонӣ ва густариш ёфтани забони давлатӣ аз ҷониби ҲҶТ. Таҳким бахшидан ба мақому мартабаи он. Забони адабии ҳозираи тоҷик ва мақоми давлатӣ гирифтани он. Аҳамияти миллӣ ва давлатӣ доштани забони тоҷикӣ. Нақши Қонуни забон дар ташаккули фарҳангӣ миллӣ. Забон – омили асосии рушди миллат. Сабабҳои омӯзиши забони адабии ҳозираи тоҷик. Роҳ ва усули омӯзиши забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Зарурати истифодаи забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ, коргузорӣ, таълим, илм ва ғайра. Ба забони илм табдил ёфтани забони тоҷикӣ. Ҳамчун забони муошırати байни қавмҳо ва халқҳо қарор доштани забони тоҷикӣ. Ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои бегона –англисӣ, русӣ ва ғайра тавассути забони давлатӣ. Истифодаи забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар расонаҳои иттилоотӣ.

Аҳамияти забондонӣ дар шароити кунунӣ. Риояи меъёри забони тоҷикӣ ва ҳалли проблемаҳои он. Имлои нави забони тоҷикӣ. Алифбо, тартиб ва номи ҳарфҳои забони тоҷикӣ. Аҳамияти омӯзиши забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар ташаккули шахсият ва мавқеи иҷтимоии шаҳрвандони ғайритоҷики кишвар. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (аз 4-уми октябри с.2011, № 458 ).

**Дарси амалӣ 1 соат.** Фикру андешаҳои шунавандагон оид ба рушду тараққӣ ва густариши забони давлатӣ.

**Мавзуи 2.8. Тарзҳои гузаронидани таҳлил ва намудҳои он дар дарсҳои «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ) (2 соат).** Талаботи асосӣ ба дониш ва малакаи омӯзгорон **аз фонетика ва графика**: мафҳуми фонетика, хелҳои овоз, бадалшавии овозҳо, аломатҳои хат, муносибати овоз ва ҳарф, алифбо, фарқи садонокҳо аз ҳамсадоҳо, ҳамсадоҳои ҷарангнок ва беҷаранг, ба ҳиҷо ҷудо кардани калима, мувофиқи талаботи меъёри забони адабӣ талаффуз кардани калимаҳо; **аз лексика**: лексика, маънои лексикии калима, таснифоти калима аз ҷиҳати маъно (синоним ва антоним), сермаъноии калима: маънои аслӣ ва маҷозии калима, шарҳи маънои лексикии калимаҳои маъмул, маънои лексикии ин ё он калима дар ҷумла, кор кардан бо фарҳанг ва луғатҳои забони тоҷикӣ; **аз калимасозӣ**: калимасозӣ чиро меомӯзад?, ба асосу бандак ҷудо шудани калима, таркиби асосии калима, муайян кардани таркиби асос, таҳлили таркиби калима; **аз морфология**: таърифи ҳиссаҳои нутқ (мустақилмаъно ва ёридиҳанда), шинохтан ва фарқ кардани ҳиссаҳои омӯхташудаи нутқ, аломатҳои морфологии ҳиссаҳои нутқ, фарқ кардани аломатҳои доимӣ ва лаҳзаинаи онҳо, таҳлили морфологии ҳиссаҳои нутқ, сохтани калимаҳо, шаклҳои феъл, тарзи сохта шудани сифати феълӣ ва феъли ҳол ва амсоли инҳо; **аз синтаксис**: фарқи ибора аз ҷумла, аз ҷумла ҷудо кардани иборахо, ёфтани асоси ҷумла, сохтани иборахо аз ҳиссаҳои омӯхташудаи нутқ, фарқи ҷумлаи сода аз мураккаб, хусусиятҳои саръазо ва аъзоҳои пайрави ҷумла, фарқи мубтадо аз хабар, хусусияти ҷумлаҳои нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда, фарқи нутқи айнан нақлшуда аз диалог, таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои сода ва мураккаб, тартиб додани ҷумлаҳои сода, мураккаб ва чидааъзо, дуруст интихоб кардани калима дар ибора ва ҷумла, ибораҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол, риоя кардан ба оҳанги талаффузи ҷумлаҳо, равшану возеҳ хондан ва

талаффуз кардани хелҳои гуногуни ҷумлаҳои сода ва мураккаб ва ҳоказо.

**Дарси амалӣ (3 соат).** Маълумоти мухтасар дар бораи таҳлили ҷумлаҳои забони тоҷикӣ (таҳлили фонетикӣ, таҳлили морфологӣ ва таҳлили синтаксисӣ). Ҳангоми таҳлил риоя намудан ба қоидаҳои маъмул. Роҳу усул ва тарзҳои гузаронидани таҳлили фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумии ҷумҳурӣ (аз таҷриба).

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Абдураҳмонова М..Мирзоева М. Забони давлатӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 10. –Душанбе, 2018
2. Барномаи забони давлатӣ (тоҷикӣ). Барои синфи X (Мураттибон Мураттибон Аминов С., Байзоев А., Мирсалимов П., Мухторов З – Душанбе, 2018).
3. Барномаи забони давлатӣ (тоҷикӣ). Барои синфҳои 10-11 (Мураттибон С. Маҳкамов., Ш. Қосимова. – Душанбе, 2008.
4. Барномаи забони давлатӣ (тоҷикӣ). Барои синфҳои II-IX (Мураттибон Маҳкамов С., Қосимова Ш., Хидиров Р.). – Душанбе, 2003.
5. Барномаи забони давлатӣ. Барои синфҳои II-IX (Мураттибон Аминов С., Байзоев А., Мирсалимов П., Мухторов З). – Душанбе, 2004.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. (Морфология). Қ.1.– Душанбе, 1995.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. (Синтаксис). Қ.2.– Душанбе, 1995.
8. Исматуллозода Ш., Тағоев С.. Забони давлатӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 7. – Душанбе, 2018.
9. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (Қарори ҲҶТ аз 30.06.2021, № 262). – Душанбе, 2021.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забон аз 05.10.2009.
11. Маҳкамов С. Барномаи забони давлатӣ (тоҷикӣ).– Душанбе: ПОО «Насиба», 2006
12. Маҳкамов С., Қосимова Ш. Забони давлатӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 3. – Душанбе, 2007.
13. Маҳкамов С., Қосимова Ш. Забони давлатӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 4. – Душанбе, 2006.
14. Маҳкамов С., Қосимова Ш. Забони давлатӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5. – Душанбе, 2007.
15. Маҳкамов С., Қосимова Ш. Забони давлатӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе, 2010
16. Мирзоева М., Мирзоева М. Забони давлатӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 6. – Душанбе, 2018.
17. Раҳимова Ш., Қ. Мухторӣ. Забони давлатӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 2. – Душанбе, 2018.

18. Ҳалимова С, Ҳомидов Д. Забони давлатӣ (тоҷикӣ) китоби дарсӣ барои синфи 8. Душанбе, 2018
19. Ш., Байзоев А., Қосимова., Элбоев В. Забони давлатӣ (тоҷикӣ). Китоби дарсӣ барои синфи 9.– Душанбе, 2018.

## АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ


1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳо бо зиёиён, занон ва ҷавонони кишвар (ҳар сол).
2. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ҳар сол).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».– Душанбе, 2004.
4. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.
5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
7. Искандаров Ҳ. Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ (дастури методӣ). – Душанбе, 2005.
8. Усули таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури методӣ. Зери таҳрири Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г.– Душанбе, 2006.
9. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (Қарори ҲҶТ аз 30.06.2021, №262). – Душанбе, 2021.
10. Маҳкамов С., Баротов А., Қосимова Ш. Чанд маслиҳат оид ба усули таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои ғайритоҷикӣ. – Душанбе, 2006.
11. Маҳкамов С. Нақши забон дар рушди ҷомеа. - Душанбе, 2008. – 144 с.
12. Маҳкамов С., Ҳамидова М. Луғати мухтасари тоҷикӣ– русӣ – ӯзбекӣ – англисӣ. – Душанбе: ҶДММ «Офсет», 2012. – 236 с.
15. Маҳкамов С. Луғати мухтасари тоҷикӣ – русӣ – қирғизӣ. – Душанбе: ҶДММ «Офсет», 2012. – 125 с.
16. Маҳкамов С. Раҳнамои омӯзгори фанни «Забони давлатӣ» (тоҷикӣ).– Душанбе: ҶДММ «Офсет», 2016. – 246 с.
17. С. Аминов. Барномаи таълимии забони давлатӣ барои синфҳои 2-11. Душанбе-2016

Ба матбаа ________ супорида шуд.
Ба чоп ____________ иҷозат дода шуд.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ ____
Теъдод ___________ нусха.